Ҳимояи диссертатсия рӯзи 26 декабри соли 2019, соати 13:30 дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА-005 – и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва дар сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (www. institute-history.tj)шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «» __________ соли 2019 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Хоҷаева Н.Ҷ.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқотро** аҳамияти иҷтимоӣ ва илмӣ – амалии назарраси он муайян мекунад. Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои ҷавонон ва истифодаи иқтидори зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳо дар ҷаҳони муосир яке аз шартҳои ноилшавии рушди устувори давлат ва ҷомеа мебошад.

Таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯз ҷавонони тоҷик ба сифати неруи бузурги созанда шинохта шудаанд. Аз ин лиҳоз, ҳалли мушкилот ва масъалаҳои ҳаётии наврасон ва ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 баён доштанд: «Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд. Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем.

Ман ба ҷавонони кишвар барои дастгириашон аз сиёсати давлату Ҳукумат ва хизмати содиқонаашон миннатдории самимӣ баён мекунам»[1].

Дар тасдиқи гуфтаҳои боло Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо андешаҳои пурбаҳои худро доир ба нақши ҷавонон дар ҷомеа иброз намуда, аз ҷумла таъкид доштанд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҷавону ҷавонон буда, синни миёнаи аҳолӣ 24 сол ва 70 фоизи сокинони онро шахсони то 30-сола ташкил медиҳанд»[2].

Ба ҳолати 1 январи соли 2013 шумораи ин гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ 5 млн.928 ҳазор нафарро ташкил медод. Ҳамасола дар кишвари соҳибистиқлоли мо шумораи ҷавонон аз 1,5 то 2% афзоиш меёбад.

Бо дарназардошти ҳамин нукта давлату Ҳукумат аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани соҳибистиқлолӣ сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун неруи фаъоли ҷомеа дар фаъолияти худ яке аз самтҳои афзалиятнок қарор додааст. Бо ин мақсад даҳҳо қонуну қарорҳо ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул шудаанд, ки онҳо барои муттаҳид намудани ҷавонон ва иштироки фаъолонаи онҳо дар раванди ислоҳот дар кишвар, ҳимояи марзу буми он, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва анҷом додани корҳои созандагиву ободкорӣ мусоидат намудаанд.

Дар ин давра, инчунин Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар мамлакат қабул гардид, ки татбиқи он иштироки ҷавононро дар ҳалли вазифаҳои мубрами рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар таъмин мекунад[3].

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе: Шарқи озод, 2018. –С.33.

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ. – Душанбе, 23 майи соли 2013.

[3]Минбари халқ. – 2016.-14 сентябр.

Амалия нишон медиҳад, ки фаъолияти ҷавонон дар лаҳзаҳои гардишҳои куллии таърихӣ бо дигаргуниҳои воқеӣ ё тағйироти чашмдоштӣ дар ҷомеа вобастабуда, аҳамияти хоса пайдо мекунад. Аз иқтидори неруи созандаи ҷавонон ва татбиқи иқтидори муҳими иҷтимоии онҳо пешомадҳои комёб шудан ба таҳким ва ҳамгироии тамоми ҷомеа муайян мегардад. Шаҳодати ин гуфтаҳо пешрафти кишвар аз ҳамбастагии ҷавонон дар ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ-тарбиявӣ дар давраҳои тақдирсоз мебошад.

«Таърих, - навишта буданд К.Марс ва Ф.Энгелс, ин чизест, ки мисли ивазшавии пайдарпаи наслҳои алоҳида мебошад ва ҳар яки онҳо аз мавод ва қувваҳои истеҳсолкунанда, ки аз насли гузашта мерос мондааст, истифода мебаранд. Дар натиҷа насли мазкур аз як ҷониб фаъолияти меросгирифтаро идома медиҳад, аз ҷониби дигар, шароити куҳнаро тавассути такмил додани фаъолият дигаргун месозад»[1].

Ҳамин тавр, муҳим будани мавзуъ ба талаботи инкишофи иҷтимоии ҷомеаи муосир, вазифаҳои таҳия ва амалигардонии сиёсати кунунии ҷавонон, инчунин бо мақсади ғанигардонии донишҳои илмӣ дар соҳаи таърихи ҳаракатҳои ҷавонон вобастагӣ дорад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ**. Дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон мақсаднокӣ ва фаъолсозии иштироки аҳли ҷомеа, аз ҷумла ҷавонон дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар беш аз пеш мубрам мегардад. Як қатор монографияҳо ва асарҳои дастаҷамъӣ нашр шудаанд, ки онҳо масъалаҳои умумии иштироки ҷавонон дар раванди ҷамъиятӣ-сиёсиро дар доираи мавзуъ васеътар инъикос намудаанд[2]. Таҳлили асарҳои мазкур нишон медиҳад, ки муаллифон дар назди худ вазифаи омӯзиш ва ҷамъбасти нақши ҷавононро дар инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон нагузоштаанд, гарчанде бисёр далелҳоро доир ба ин мавзӯъ нишон медиҳанд.

Таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо таври возеҳ шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи муаррихон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, файласуфон ва дигар намояндагони илмҳои ҷомеашиносӣ-гуманитарӣ ба масъалаҳои ҷавонон меафзояд.

Дар ин раванд мақоми махсусро асарҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ишғол менамоянд[3].

---

[1] Маркс К. Немецкая идеология / К.Маркс, Ф. Энгелс // Соч. Т.3. – С 44-45.

[2] Абдуллоев С. Президент Эмомали Рахмон / С.Абдуллоев, А. Сайфуллоев. - М.: Воениздат, 2000; Абдуллоев С. Гражданское движение в Таджикистане / С.Абдуллоев. - М.:ЦИМО, 1990; Абдуллоев С. Дарвозаи тиллоӣ / С.Абдуллоев. - Хуҷанд: Ношир 2008; Достиев А. Истиқлолияти Тоҷикистон ва сабақҳои таърихии он / А.Достиев. – Душанбе: Матбуот, 2005; Достони Ваҳдати миллат. – Хуҷанд: Ношир, 2009; История таджикского народа. Т. VI (новейшая история) / зери таҳрири Р.Масов. - Душанбе: Империал-груп, 2011; Каримов О. Политическое состояние Таджикистана в 90-е годы ХХ- в. и в начале XXI-в./ О.Каримов. – Худжанд, 2007; Набиева Р. Таърихи халқи тоҷик дар асри ХХ ва ибтидои асри XXI / Р.Набиева, Ф.Зикриёев, М.Зикриёева.- Душанбе: Деваштич, 2009; Оқилова М. Марҳилаи асолату эҳё / М.Оқилова, Т. Ғозиева. – Хуҷанд, 2008; Основа новейшей государственности. –М.: Радуница, 2002: Очеркҳои таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. -Душанбе: Дониш, 2016; Тоҷикистон нурборон мешавад. – Хуҷанд: Ношир, 2009; Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003; Ҳайдаров Г. История таджикского народа: ХХ в./ Г.Ҳайдаров. – Худжанд, 2001; Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик.Китоби дарсӣ / Н.Ҳотамов, Д.Довудӣ, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. - Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 644 с.; Шукӯҳи истиқлол. – Хуҷанд: Ношир, 2011.

[3] Рахмонов Э. Молодежь – будущее независимого Таджикистана / Э.Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 1997; Рахмонов Э. Молодежь – будушее нации / Э.Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон 1998; Раҳмонов Э. Ватани худро дӯст

Омӯзиши асарҳои нашргардида доир ба масъалаҳои сиёсати ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол имкон медиҳад, ки онҳоро ба се гурӯҳ: монографияҳо ва китобчаҳои илмӣ (брошюраҳо), рисолаҳои докторӣ, номзадӣ ва мақолаҳои илмӣ ҷудо намоем.

Ба таҳқиқоти монографӣ ва ҷузваҳои илмӣ (брошюраҳо) асарҳои олимон ва кормандони масъули сохторҳои давлатӣ – М. Неъматов , А. Абдуллозода, Р. Асадуллоев, С. Ашӯров, Ғ. Икромов, В.Набиев, Б.Наср, И.Ҳомидов, Ф.Ҳодибоев, А. Шамолов ва дигарон тааллуқ доранд[1].

Дар асарҳои муаллифони номбаршуда доираҳои васеи проблемаҳои вобаста ба масъалаҳои мубрами сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин нақш ва иштироки ҷавонони кишвар дар давраи дигаргуниҳои куллии дар ҷомеа ба амаломада, таҳлил шудаанд.

Дар монографияи А. Шамолов ва С. Ашӯров «Вопросы молодежной политики в Республике Таджикистан» бори нахуст дар илми ювеналогии (ҷавонишиносӣ) ҷумҳурӣ маводи консептуалӣ оид ба таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологии сиёсати давлатии ҷавонон ва роҳҳои татбиқи он инъикос ёфтааст. Вазъи воқеӣ, тамоюлот ва дурнамои насли ҷавони кишвар нишон дода шудааст. Таҳқиқоти А. Шамолов ва С. Ашӯров дар асоси фаъолияти амалии бисёрсолаи муаллифон бо ҷавонон ва татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) таълиф ёфтааст.

Дар монографияи С. Ашӯров «Государственная молодёжная политика Таджикистана: состояние и перспективы» раванди ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди омӯзиш қарор гирифта, тамоюлҳои он, афзалиятҳои асосии воқеии марҳалаҳои ҳозира таҳқиқ, вазъи муосири он нишон ва дурнамои инкишофи афзалиятҳои асосии ин сиёсат муайян карда шудааст.

Дар асари Р.Н. Асадуллоев «Молодежь в процессах демократизации общественной жизни страны (на примере Республики Таджикистан)» раванди

---

доред, қадр кунед ва ҳифз намоед / Э.Раҳмонов. - Душанбе: Деваштич, 2005; Рахмонов Э. Молодежь - созидатель будущего общество: маҷмуи баромадҳо / Э.Раҳмонов. - Душанбе, 2008.

[1]Неъматов М.М. Муқаддасоти Ватан / М.М.Неъматов. – Душанбе; Истеъдод, 2012; Абдуллозода А. Пешвои миллат бо ҷавонон / А.Абдуллозода. – Душанбе, 2018; Асадуллоев Р. Ҷавонон – неруи пешбари ҷомеа / Р.Асадуллоев, М. Шарифов. - Душанбе: Деваштич, 2005; Ашуров С. Государственная молодежная политика Таджикистана: состояние и перспективы / С.Ашуров. – Душанбе: Статус, 2002; Икромов Г. Деятельность молодежных организаций по укреплению независимости Республики Таджикистан (1991-2008 гг.) / Г.Икромов. – Душанбе; Шохпар, 2012; Набиев В. Навниҳолони боғи истиқлол / В.Набиев. – Душанбе: Авесто, 2001; Набиев В. Культура и молодежь: Маҷмуи мақолаҳо / В.Набиев. – Хуҷанд: Хуросон, 2009; Набиев В. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиклол / В.Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2013; Набиев В. Президент Эмомалӣ Раҳмон ва ташаккули сиёсати давлатии чавонон дар Тоҷикистон / В.Набиев. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2013; Набиев В. Корномаи Тоҷикистони соҳибистиқлол / В.Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2013; Набиев В. Иҷлосияи тақдирсоз ва самтҳои асосии ҳаракати ҷавонон дар Тоҷикистон / В.Набиев, Р. Асадуллоев. – Душанбе: Статус, 2003; Набиев В. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон / В.Набиев, Ғ. Икромов. – Душанбе, 1999; Наср Б. Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол / Б.Наср. – Душанбе, 2002; Хамидов И. Созидательная сила нации / И.Хамидов. – Душанбе: Ирфон, 2011; Ҳодибоев Ф. Дирӯз, имрӯз ва фардои ҷавонон / Ф.Ҳодибоев. – Хуҷанд: Ношир, 2008; Ҳодибоев Ф. Нақши ҷавонон дар рушди ҷомеа / Ф.Ҳодибоев. – Душанбе: Истеъдод, 2010; Шамолов А. Вопросы молодежной политики в Таджикистане / А.Шамолов, С. Ашуров. – Душанбе: Дониш,1998.

мураккаби бедоршавии шуури сиёсии ҷавонон, ҷалби онҳо ба равандҳои воқеии сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Монографияи бунёдии В.Набиев «Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол» ба таърихи ҳаракати ҷавонон дар ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Дар он тибқи маводи сершумори воқеӣ масъалаҳои рушди сиёсати давлатии ҷавонон, ташаккулёбии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, саҳми ҷавонписарону ҷавондухтарон дар барқароркунии сохти конститутсионӣ, тараққиёти саноат ва кишоварзӣ, маориф ва фарҳанг, таҳкими робитаҳои дӯстӣ, тарғиби сулҳу ваҳдат ҷамъбаст гардидааст. Аммо бо сабаби бисёрнақша будани монография масъалаҳои ба мавзӯи рисолаи мо тааллуқдошта нокифоя инъикос шудааст.

Доир ба масъалаҳои алоҳидаи ҳаракати ҷавонон дар Тоҷикистон як қатор рисолаҳои илмӣ бахшида шудаанд[1].

Илова бар он мақолаҳои гуногуни таърихшиносон, сиёсатшиносон, файласуфон ва дигар мутахассисон мавҷуданд[2].

Дар ин ҳол, зикри ин нукта бамавқеъ аст, ки таълифоти номбурда унвонҳои гуногун дошта бошанд ҳам, дар онҳо ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти муассири ҷавонон дар ҳаллу фасли вазифаҳои дар назди иқтисоди миллии кишвар матраҳбуда бо ин ё он андоза инъикос ёфтаанд.

Шарҳи адабиёти мавҷуда нишон дод, ки гарчанде дар онҳо то ҳадди имкон мушкилоти иштироки ҷавонон дар равандҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият инъикос ёфта бошанд ҳам, аммо дар шумори онҳо асари махсус бахшида ба масъалаи мазкур мавҷуд нест, ки ин боиси интихоби мавзӯи таҳқиқот гардид.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

---

[1] Асадуллоев Р.Н. Молодежь в процессах демократизации общественной жизни (на примере Республики Таджикистан): дис.. канд.полит.наук / Р.Н.Асадуллоев.-Душанбе.2004; Икромов Г.Х. Деятельность молодежных организаций по укреплению независимости Республики Таджикистан (1991-2008гг.): дис.канд.ист.наук / Г.Х.Икромов. – Душанбе, 2009; Рахимов И.Х. Формирование государственной молодежной политики в Республике Таджикистан: дис.кан.полит.наук / И.Х.Рахимов. –Душанбе, 2002; Хусайнов А. Формирование мировоззрение молодежи в условиях демократизации общества: дис. кан. полит. наук / А.Хусайнов. – Душанбе,2007; Ходибоев Ф. Место и роль молодежи в социальной стркутуре таджикского общества: дис.кан. филос. наук / Ф.Ходибоев.- Душанбе,2016; Шоев Г.А. Освешание вклада молодежи Таджикистана в общественно-политическую,экономическую и культурную жизнь в сердствах массовой информации (1991-2016гг.): автореферат дис. … канд. ист. наук / Г.А.Шоев. - Душанбе,2017.

[2] Ашуров С. Некоторые пути укрепление кадровой основы государственной молодежной политики в условиях Таджикистана / С.Ашуров // Сборник докладов третьей Конференеции молодых ученых Таджикистана. - Душанбе ,2001. -С.361; Икромов Г. Сиёсати давлатии ҷавонон ва пешомадҳои он / Г.Икромов // Саҳми олимони ҷавон дар инкишофи илм. –Душанбе, 1999. - С.67-70: Икромов Г. Формирование и развитие государственной молодежной политики в Таджикистане / Г.Икромов // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2009. - №2(50) – С.17-21; Набиев В. Президент Э. Раҳмонов ва марҳилаҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон / В.Набиев // Конференсияи ҷумҳуриявии "Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов дар тарбияи насли наврас". –Душанбе, 2006. -С. 22-25; Набиев В. Фарҳодҳои Шоҳроҳи ваҳдат / В.Набиев // Дарвозаи тиллоӣ. -Хуҷанд, 2008. -С.41-46; Набиев В. Файзи дӯстии ҷавонон / В.Набиев // Тоҷикистон нурборон мешавад. –Хуҷанд: Ношир, 2009. – С.227-234; Рахимов И. Проблемы занятости и трудоустройства молодежи в Республики Таджикистан / И.Рахимов // Молодежь и мир науки. Материалы третьей Республиканской конференции молодых ученых. – Душанбе, 2007. -С.4-9;Хакимов Ш. Социально-экономические возможности молодежи Таджикистана: реальность и перспективы / Ш.Хакимов // Религиозный экстремизм в Центральной Азии. - Душанбе,2010.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи накшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи ватан ва археологияиДонишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, тахти унвони «Проблемаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик» барои солҳои 2015-2020 ба иҷро расидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Бо дарназардошти муҳим будани масъала, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, нокифоягии таҳқиқот, дар назди худ вазифа гузоштем, ки тибқи таҳқиқоти комплексӣ таҷрибаи иштироки ҷавононро дар раванди дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият мавриди пажӯҳиш қарор диҳем. Вале бо дарки он ки дар як рисола инъикос кардани ҳамаи ҷанбаҳои мушкилот имконнопазир аст, ба ҳалли вазифаҳои зерин таваҷҷуҳ намудем:

- инъикос намудани воқеаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар даврони гузариш ва муайян кардани вазъи хоси иштирок ва нақши ҷавонон дар он;
- нишон додани марҳалаҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон;
- ҷамъбаст намудани саҳми ҷавонон дар рушди саноат ва ҷанбаи энергетикӣ;
- баррасӣ намудани иштироки ҷавонон дар дигаргунсозиҳои кишоварзӣ;
- таҳлил намудани фаъолияти гуногунҷабҳаи ташкилотҳои ҷавонон дар ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- омӯзиши роҳҳо ва усулҳои муқобилият бо зуҳуроти номатлуб дар муҳити ҷавонон;

Масъалаҳои мазкурро мавриди таҳқиқ қарор дода, умедворем, ки маводи таҳқиқот ва хулосаҳои тасвиятгардида дар рисола минбаъд ба омӯзиши амиқ ва холисонаи омӯзиши таърихи муосири халқи тоҷик мусоидат хоҳад кард.

**Нововарии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори нахуст дар асоси маводи ғанӣ ва гуногуни ҳуҷҷатӣ, дар таърихнигории ватанӣ таҷрибаи иштироки ҷавонон дар равандҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар рисола нахустин бор далелу рақам ва омори бойгонии мавҷудаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта, омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳқиқот қабул шудаанд, гузаронида шудааст.

Таҳқиқоти саҳми ҷавонон дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ имконият дод, ки шакл ва усулҳои самараноки кор бо ҷавононро дар шароити хоси Тоҷикистон ошкор намоем.

**Доираи хронологии таҳқиқоти диссертатсионӣ** солҳои 1991-2016, таърихи 25-солаи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро шартан ба чор марҳала тақсим кардан мумкин аст:

***Марҳалаи якум-*** моҳи марти соли 1992 - моҳи июни соли 1997-ро дар бар мегирад. Ин марҳала аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

сиёсати давлатии ҷавонон» (13 марти соли 1992) оғоз ёфта, бо баимзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ анҷом меёбад. Маҳз дар ин марҳала Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (27-уми майи соли 1997) таъсис дода шуд.

***Марҳалаи дуюм*** фарогири моҳи июни соли 1997 то моҳи июли соли 2004 мебошад. Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав қабул карда шуд (15июли соли 2004).

***Марҳалаи сеюм*** аз моҳи июли соли 2004 ибтидо гирифта, то ташкилшавии Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон идома меёбад. Сипас Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода мешавад.

***Марҳалаи чорум*** аз ташкилёбии Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (19 июли соли 2015) оғоз мегардад. Фаъолият намудани Шӯрои мазкур намунаи эътимоду эҳтироми роҳбарияти олии мамлакат ба ҷавонони ҷумҳурӣ мебошад.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро меъёрҳои материализми таърихӣ ташкил менамояд. Ҳангоми таълифи диссертатсия меъёрҳои илмии таърихият ва озодандешӣ дар бартараф кардани қолабҳо ва муносибатҳои идеологӣ ба далелҳои таърихӣ ба назар гирифта шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои гуногуни таҳқиқот, воқеаҳои таърихӣ, тасвир, таҳлил ва ҷамъбаст истифода шудаанд. Гузориш ва таҳлили масъалаҳои назариявии мавзуъ саҳифаи навро дар кори минбаъдаи омӯзиши таърихи ватанӣ хоҳад кушод.

Боиси зикр аст, ки таҳқиқи мақоми сиёсати ҷавонон ва муҳити ҷавонони Тоҷикистон дар шароити нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ хусусияти байнифаннӣ дорад, чунки масъалаҳои муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқи ҷавонон, мушкилоти соҳаҳои тандурустӣ, маориф, муносибатҳои оилавӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Аз ин лиҳоз, инъикос намудани ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои мазкур муносибати маҷмӯиро талаб мекунад.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Ба сифати маводи асосӣ барои рисолаи илмӣ қонунҳои қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳо ва Амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сиёсати ҷавонон дахл доранд, истифода шуданд.

Барои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ки аз бойгониҳои мавҷудаи Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, инчунин бойгониҳои Барномаҳои рушди Созмони Милали Муттаҳид, Идораи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ дастрас шуданд,сарчашмаҳои муҳим мебошанд.

Ҳисобот ва гузоришҳои солонаи фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонони мамлакат барои таҳқиқот манбаи пурбаҳомаҳсуб мегарданд.

Дар ин бойгониҳо маълумотномаҳои арзишноки оморӣ дар бораи раванди афзоиш ва инкишофи ташкилоти ҷавонон, баъзе маълумот дар бораи иҷрои лоиҳаҳое, ки ба беҳтар намудани мавқеъ ва мақоми ҷавонон равона шуданд, маълумот дар бораи саҳми насли ҷавон дар иқтисодиёти Тоҷикистон, ҳисоботи зерсохторҳои Кумита дар бораи вазъият ванақши ҷавонон дар ҷомеа маҳфузанд.

Барои истифода «Ахбори омории ҳамасолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Омори вилояти Суғд барои солҳои 2000-2005», бюллетенҳои омории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муфид буда, дар онҳо маълумоти зарурӣ дар бораи шумораи муассисаҳои таълимии олӣ,тиббӣ ва миқдори хонандагон инъикос ёфтаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ маводи матбуоти даврӣ истифода шудааст. Арзиши хосаро хабарҳо, маводи оморӣ ва мақолаҳо дар бораи иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии мамлакат ишғол менамоянд.

Дар рисолаи илмӣ инчунин ба қадри имкон хотираҳои иштирокчиёни воқеаҳои сиёсӣ, ки маълумоти муҳими таърихӣ дар бораи мавқеъ ва нақши ҷавонон ва ҳаёти ҷомеатайисолҳои охир доранд, истифода шудааст.

Инчунин асоси рисоларо маълумоту ахбороте, ки бори нахуст интишор мешаванд, ташкил медиҳад.

Дар таҳқиқот ба баъзе падидаҳои манфии ба ҷавонони кунунӣ хосбуда, аз қабили сатҳи пасти маълумоти маърифатӣ ва ҳуқуқӣ, фаъолияти сусти мақомоти ҳамонвақтаи давлатӣ дар амалисозии сиёсати ҷавонон равшанӣ андохта шуда, сабабҳои ба вуҷуд омадани зуҳуроти манфӣ дар ҳаёти ҷавонони Тоҷикистон ва роҳҳои бартараф намудани онҳо ошкор карда мешавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ метавонанд ба таври васеъ дар мақомоти қонунбарор ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, инчунин ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои дарозмуддат дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон истифода гардад.

Бояд қайд намуд, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот инчунин аз ҷониби сиёсатмадорон, аҳли амал – экспертҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳо, олимони ҷомеашинос, инчунин дар ҷараёни таълими курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсуси ҷумҳурӣ, дарсҳои факултативии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳияи маводи методӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон мавриди истифода қарор хоҳад ёфт.

**Ба ҳимоя нуктаҳои асосии зерин пешниҳод мегардад:**

- раванди ташаккули иҷтимоии ҷавонони муосири Тоҷикистон таҳлил ва таҳқиқоти мушаххасро талаб мекунад, зеро ташаккули мавқеи арзишманди он дар шароити мушкилтарини иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, ки дар давраи гузариши дигаргуниҳои ҷиддии харобиовар ва ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт, зуҳур карда буд. Тамоюли афзоиши бекорӣ, ҷинояткорӣ, нашъамандӣ, фоҳишагӣ ва дигар маразҳои иҷтимоӣ дар миёни ҷавонон мушоҳида мешавад;

- аз насли ҷавон, аз дараҷаи маърифатнокӣ, саводнокӣ ва шуғли онҳо, раванди ташаккулёбии давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон вобаста буд. Амалан, аз ҷавонон то як дараҷаи муайян тақдири давлат ва ҷомеа вобастагӣ дошт. Маҳз барои ҳамин ҳам бояд таваҷҷуҳи хеле калонро ба фаъолсозии ҷавонон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар партави талаботи нав, дурнамо ва рушди ҷомеаи демократӣ равона кард. Имрӯзҳо имконияти ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро бидунииштирокиҷавонон тасаввур кардан ғайриимкон мебошад;

- Тоҷикистони соҳибистиқлол роҳи иқтисодиёти бозорӣ, роҳи рушди иқтисодии аксарияти кишварҳои ҷаҳонро пеш гирифтааст. Вобаста ба ин ҷавонон имрӯз бояд технологияи пешқадам ва усулҳои нави идоракунӣ, донишҳои илмӣ ва коркардҳои нави технологии тамаддуни муосирро аз худ намоянд. Таҷрибаи муфиди ҷаҳониро истифода бурда, онро дар кишвар ҷорӣ намоянд. Ҷавонон бояд ғояҳои неки пешқадам ва диди нав дар роҳи рушди иқтисодии кишварро дошта бошанд, комёбиҳои илми ҷаҳонӣ ва забонҳои хориҷиро омӯзанд;

-зуҳуроти номатлуб дар ҷомеа таваҷҷуҳи зиёдро ба ҷавонони боистеъдод баҳри ҳифз ва инкишофи минбаъдаи неруи зеҳнӣ ва эҷодии ҷомеа, ки дар оянда саҳми бузургро дар раванди рушд ва шукуфоии кишвар, инчунин муаррифии он дар арсаи ҷаҳон хоҳад гузошт, талаб менамояд;

- вазифаи муҳими ташкилотҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷавонон, кормандони масъули муассисаҳои давлатии Тоҷикистон дар марҳалаи ҳозираи рушди таърихии кишвар таъмин кардани ҷавонон бо ҷойҳои корӣ ва ҷалби онҳо ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад.

**Саҳми шахсии** унвонҷӯ дар раванди ба даст омадани натиҷаҳо дар нуктаҳои зерин: дар иштироки мустақими унвонҷӯ дар гурӯҳи корӣҷиҳати коркарди Стратегияи сиёсатидавлатииҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012,Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013»,Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 ваБарномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015;дар ҷамъоварӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, дастуру фармоишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҷавонон; дар ба гардиши илмӣ ворид намудани ҳуҷҷатҳои бойгонӣ; дар коркарди тавсияҳо ҷиҳати ҳалли проблемаҳои ҷавонони тоҷик ва фаъолнокии онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа зоҳир мегардад.

**Тасвиби диссертатсия.** Хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зикргардида дар конфренсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ арзёбӣ шудаанд.

Ҳамзамон тавсияҳои таҳқиқот дар таҷрибаи фаъолияти мақоми ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон зимни таҳияи Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" барои солҳои 2010-2012, Барномаи давлатии "Тарбияи ватандӯстии ҷавонон барои солҳои 2011-2013", Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ва Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 истифода шуданд (диссертант бевосита зимни таҳияи лоиҳаи барномаҳои мазкур аъзои гуруҳӣ корӣ буд).

Ғайр аз он хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон ва зерсохторҳои он бо мақсади амалисозии самароноки сиёсати давлатии ҷавонон мавриди истифода қарор дода шуда, ба нақшаи чорабиниҳои Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2015-2016)шомил гардида буд,

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 11 мақолаи нашршудаи илмӣ, аз ҷумла дар 5мақолаи чопшуда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Диссертатсия дар маҷлиси шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**Диссертатсия дар ҳаҷми 173 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, чор зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 149 номгӯй) таркиб ёфтааст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** муҳим будани мавзуъ асоснок шуда, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ баён гардидааст, инчунин навоварии таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии рисола ва усулҳои таҳқиқ нишон дода шуда,нуктаҳои асосии илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тасвиби диссертатсияи илм, гурӯҳбандӣ гаштаанд.

**Боби якуми рисолаи илмӣ - «Саҳми ҷавонон дар татбиқи вазифаҳои стратегии Тоҷикистон»** аз ду зербоб иборат аст.

Боиси қайд аст, ки кӯшиши ташаккули сиёсати давлат оид ба ҷавонон аз Съезди XXVIII ҲКИШ (июли соли 1990) ва Съезди XXV ИЛКҶ Тоҷикистон (сентябри соли 1990) ибтидо мегирад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон"аз ҷумлаи аввалин санадҳои қонунгузории давлати ҷавони соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати иҷтимоии давлат нисбат ба қишри стратегии аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Илова бар ин қонуни мазкур нахустин қонун

оид ба сиёсати давлатии ҷавонон буд, ки дар давлатҳои нави соҳибистиқлоли ИДМ қабул шуда буд.

Бешубҳа, ин гувоҳи он аст, ки Ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ сиёсати ҷавононро ҳамчун самти стратегии фаъолияти худ эътироф карда буд.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" зикр шуда буд, ки «Сиёсати давлатии ҷавонон - бахши ҷудонопазири сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз системаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқие иборат мебошад, ки онҳоро мақомоти давлатӣ бо мақсади фароҳам овардани шароиту кафолатҳо барои ташаккули иҷтимоию инкишофи ҷавонон ва ҳарчи бештар амалӣ гардидани нерӯи эҷодии онҳо барои манфиатҳои тамоми ҷамъият татбиқ менамояд»[1].

Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» дар ибтидо бисёр ҳам суст пеш мерафт, ин, пеш аз ҳама ба он вобаста буд, ки Тоҷикистонро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт, ки як қисми ҷавононро ба гирдоби худ кашид. Баъдан, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» дар системаи мақомоти идорӣ бояд умури давлатии оид ба кори байни ҷавонон таъсис меёфт, ки салоҳияти таъмини идораи ҳамаҷонибаи сиёсати Ҳукуматро дар байни ҷавонон дошта бошад. Барои иҷрои ин мақсад Кумитаи ҷавонон таъсис дода шуд, ки он ҳамагӣ як сол идома карду барҳам хӯрд[2].

Воқеияти дигаре ҳам мавҷуд буд – набудани инфрасохтори иҷтимоии ҷавонон, иттиҳодияи оммавӣ ва сернуфузи ҷавонон.

Чунин ташкилотҳо ва муассисаҳои гуногуни ҷавонон ба монанди гурӯҳҳои (отрядҳои) донишҷӯёни бинокор, иттиҳодияҳои меҳнатии мактаббачагон, кумитаи ташкилотҳои ҷавонон, бюрои байналхалқии сайёҳии ҷавонон, телефони боварӣ ва ғайра, ки дар ибтидои соли 1991 амал мекарданд, дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони сиёсӣ ва иқтисодии кишвар пароканда ва қариб пурра нобуд шуданд.

Ягона ташкилоти нисбатан оммавии ҷавонон - Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон вориси ҳуқуқии комсомоли ҷумҳурӣ, дастгирии молиявии давлатӣ ва нерӯи кадрии худро аз даст дода, ба як ташкилоти дастнигар табдил ёфта буд. Дигар иттиҳодияҳои ҷавонон, ки дар солҳои 1995-1997 ҳамчун ассотсиатсияҳо ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ таъсис ёфта, хусусияти маҳаллӣ доштанд, шумораи хеле ками ҷавононро дарбар мегирифтанд.

Тавре ки таҳқиқот нишон медиҳад, дар охири соли 1994 дар татбиқи Қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» баъзе пешравиҳо мушоҳида мешаванд. Вале раванди мазкур лаҳзагӣ буд ва хусусиятимаҷмӯӣ ва мақсаднок надошт.

Сабаби асосии он набудани мақомоти мукаммали давлатӣ оид ба кори ҷавонон буд. Бояд қайд намуд, ки дар кишвари мо то соли 1997 се маротиба мақомоти давлатии кор бо ҷавонон ташкил шуда, бо сабабҳои объективӣ ва

---

[1] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1992, №9. – С.3.
[2] Набиев В. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол / В.Набиев. - Душанбе: Ирфон, 2013. -С.20.

субъективӣ натавонистанд вазифаи худро иҷро намоянд ва оқибат барҳам хӯрданд.

Дар рисолаи илмӣ қайд мешавад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 23-юми майи соли 1997 бо намояндагони ҷавонони кишвар мулоқот намуда, Фармонро «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» имзо намуданд. Тибқи Фармон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки масъалаи таъсис додани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намояд.

27-уми майи ҳамон сол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-уми майи соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» қарорро дар бораи таъсис додани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кард.

Дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, шуъбаи сиёсати ҷавонон оид ба идораи сиёсати иҷтимоӣ ба фаъолият шурӯъ кард[1]. Таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои сиёсати давлатии ҷавонон марҳилаи навро ибтидо гузошт.

Аз ҳисоботи Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистондар соли 1999 маълум мегардад, ки то охири соли 1997 асосан ба корҳои ташкилӣ ва корҳои кадрӣ иҷро гардида: чор идораи кор бо ҷавонон - дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, 69 шуъбаи кор бо ҷавонон дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, таъмини қисмҳои сохторӣ бо кадрҳо ташкил карда шуданд.

Инчунин, дар ин давра қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 1997, № 414 «Масъалаҳои Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва аз 27 декабри соли 1997, № 569 «Дар бораи Низомномаи Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расиданд.

Мувофиқи ин ҳуҷҷатҳои меъёрии асосӣ, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул шуда буданд, фаъолияти асосии ташкилӣ ва молиявии Кумита, ҳамзамон мақоми он ҳамчун мақомоти идоракунии давлатӣ муайян карда шуданд.

Дар давраи таҳқиқшаванда дар рисолаи илмии мазкур аз ҳисоби фонди захиравии Президенти кишвар фаъолияти ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» эҳё гардид. 23-юми октябри соли 1998 баъди танаффуси сесола ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» нашр гардид[2].

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббуси қонунгузории Президенти мамлакатро ҷонибдорӣ намуда, 22-юми май дар ҷаласаи навбатӣ қарор «Дар бораи эълон намудани 23-юми май «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон»-ро қабул кард. Ҳамасола дар қаламрави мамлакат 23-юми май ба таври расмӣ ҳамчун Рӯзи ҷавонон таҷлил мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо ҷавонони лаёқатманди Тоҷикистон 16-уми майи соли 1998 махсус чунин таъкид

---

[1] Набиев В. Президент - Эмомалӣ Раҳмон ва ташаккули сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон / В.Набиев. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. -С.13.

[2] Набиев В. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол / В.Набиев. - Душанбе: Ирфон, 2013. - С.36.

доштанд: «Мо бояд сиёсати давлатии ҷавононро дар қатори масъалаҳои стратегии давлатӣ ва амнияти миллии кишвар ҳисобида, авзои иҷтимоӣ ва иқтисодии насли наврас, аз қабили ҷараёни демографӣ ва муҳофизати ҷавонон, сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, танзими оила, афзудани иллатҳои нашъамандӣ, зӯроварӣ дар байни ҷавонон ва ғайраро мавриди таҳлилу омӯзиши ҷиддӣ қарор диҳем»[1].

Кумитаи кор бо ҷавонон ҳанӯз ибтидои соли 1998 фаъолона ба ташаккули рукни илмӣ-назариявӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон шуруъ намуд. Натиҷаи аввалини ин самт монографияи муовини раиси Кумита С. Ашӯров ва сардори Шуъбаи сиёсати иҷтимоии Кумита - А. Шамолов «Масъалаҳои сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад, ки амалан нахустин асар дар соҳаи барои Тоҷикистон самти нави илм-ювенология (ҷавонишиносӣ) мебошад.

Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нӯҳ сол фаъолияти самаранокро дар самти татбиқи сиёсати давлатӣ анҷом дода, асоси қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии онро мустаҳкам намуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав (соли 2004), «Барномаи миллии Ҷавонони Тоҷикистон» ва дигар барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон, консепсияи сиёсати ҷавонон таҳия ва қабул шуданд, ки асоси устувории сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2006, № 609 ба Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Кумитаи мазкур фаъолияташро дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ амалӣ карда, мутаносибан асоси қонунгузорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаро дар сатҳи миллӣ ба танзим даровард.

Айни замон ин мақомоти ваколатдори давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 2017, № 257 ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст ва фаъолияташро доир ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва варзиш пеш мебарад.

Самти дигари сиёсати давлатии ҷавонон дастгирии ҷавонони лаёқатманд мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дастгирии ҷавонони лаёқатманд 26-уми феврали соли 1998 «Дар бораи таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо» ва 20-уми марти соли 1998 «Дар бораи таъсис додани ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд», фармонҳо имзо карданд.

Боиси зикр аст, ки бо мақсади дастгирии духтарони деҳот дар соли 1997, баъдан бо мақсади дастгирии ҷавонписарони лаёқатманд аз деҳот дар соли

[1] Раҳмон Э. Ҷавонон созандагони фардои ҷомеа: маҷмуи баромадҳо / Э.Раҳмонов. - Душанбе, 2008. – С. 125.

2005 квотаҳои президентӣ барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шуданд.

Умуман, аз соли 1997 то соли 2015 тибқи квотаи президентӣ 16030 нафар шаҳрвандони ҷавон, аз ҷумла 9954 нафар духтарон сазовори номи донишҷӯи мактабҳои олӣ гардиданд.

Мувофиқи талаботи замон 8-уми июли соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав қабул шуд, ки асоси боэътимоди ҳалли мушкилоти ҷавононро бунёд кард[1].

Дар асоси он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон ва Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2004-2006»-ро қабул намуд ва марҳала ба марҳала Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2009, 2010-2012» қабул ва татбиқ карда шуданд. 2 ноябри соли 2012, бошад бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №620 "Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" ба тасвиб расид. Хусусияти хоси ин барнома аз он иборат буд, ки самтҳои муҳим тибқи талабот ва зарурати инкишофи соҳа ба назар гирифта шуд.

Барои амалигардонии чорабиниҳои ба онҳо вобаста маблағҳои муайян аз буҷети давлатӣ ҷудо шуда буданд. Масалан, барои татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» аз буҷети давлатӣ 4137000 (чор миллиону яксаду сию ҳафт ҳазор) сомонӣ пешбинӣ шуда буд. Вале бо сабаби бuҳрони молиявӣ 3200000 (се миллиону дусад ҳазор) сомонӣ ҷудо карда шуд.

Пажӯҳиш нишон медиҳад, ки ҳар як кишвар дар ҷаҳон барои рушд, шукуфоӣ ва таҳкими давлатдорӣ, обрӯ ва нуфузи олии худ, дар навбати аввал ба зеҳну хирад, неруи созандаи ҷавонон такя намуда, ояндаи дурахшони худро ба он алоқаманд менамояд. Зеро мавқеи иҷтимоӣ ва сиёсии он дар баробари иқтидори демократӣ ва давлатӣ стратегияи рушд ва ояндаи мамлакатро муайян менамояд. Ҷамъият ва кишваре, ки ба тарбия ва маърифат, инкишофи зеҳнӣ, ҳаётгузаронии ҷавонони худ аҳамияти аввалиндараҷа намедиҳад, ба гумон аст, ки дараҷаи баланди тараққиётро соҳиб шавад.

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша тадбирҳои муҳим, мушаххаси амалиро дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ қабул менамояд.

Масъалаи тарбияи ҷавонон қисми муҳими сиёсати давлат мебошад.

Бо мақсади тарбияи ахлоқӣ-ҷисмонии ҷавонон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва муҳаббати онҳо ба Ватан, баҳри ҳифзи амният, таҳкими истиқлолият ва некуаҳволии Ватан, муҳофизати ҷавонон аз тарғиботи экстремистӣ ва динӣ-миллатгароӣ, пешгирӣ кардани зуҳуроти экстремизм ва хурофоти динӣ дар байни ҷавонон, мусоидат ва тақвияти ҳисси худшиносӣ, садоқат ба Ватан, ифтихори миллӣ, шараф ва эътибор, муҳайё намудани шароит барои мустаҳкам намудани асоси ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангию маърифатии ҷавонон бо қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ марҳала ба марҳала Барномаи

[1] Асаддулоев Р. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон: аҳамият ва пешомадҳои он» / Р.Асадуллоев, М.Шарифов. - Душанбе: Деваштич, 2005. – С.12.

давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуданд.

Дар рисолаи илмии мазкур дар асоси далелҳои муътамад, нишон дода мешавад, ки татбиқи Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» исбот намуд, ки ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам назариявӣ дар сатҳи зарурӣ таълиф ёфтааст.

Дастоварди беназири сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳаёти ҷавонон ин таъсисёбии Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2015,№526).

Ҳамин тавр, татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон бояд бо иштироки идораҳо ва сохторҳои гуногун: Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, фарҳанг, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, мудофиа, корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои рушди маҳал, телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, рушди сайёҳӣ, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра амалӣ гардад.

Дар **зербоби дуюм - «Саҳми ҷавонон дар рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ»**баррасӣ мегардад. Далелҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таърихи навтарини халқи тоҷик оғози раванди сулҳ ва эҳёи асосҳои давлатдории миллӣ ба ҳисоб меравад, аз нав дар замири халқи тоҷик бовариро баояндаи дурахшони кишвар ба вуҷуд овард. Ин воқеаҳои муҳимтарини таърихиро насли наврас бо рӯҳбаландӣ қабул намуд, ки исботи он далелҳои сершумори таърихӣ мебошанд.

Қадамҳои нахустини ҷавонон баъди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор кардани хоҷагии халқи харобгардида ҳимояи сарҳад ва мустаҳкам намудани асоси ваҳдати миллӣ равона шуда буд. Суханони Сарвари Давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи тантанаи сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо доданд, барои ҷавонон дар корҳои ободонӣ ва таҳкими сулҳ, даъвати ҳамсолон ба ягонагӣ, ҳамфикрӣ, гузоштани силоҳ, инчунин барои баҷоовариии рафтори қаҳрамонона роҳнамо гардид.

Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ дар маҷлиси Шӯрои маркази Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон соли 1993 аз ҷумла қайд намуданд: «Ду сол қабл аз ин Тоҷикистони азизи мо худро соҳибистиқлол эълон намуда буд. Ибораи истиқлолу озодӣ ба шумо ҷавонон, бояд болу пар бахшад. Минбаъд ҷавонони тамоми гӯшаву канори ҷумҳуриамон бояд аз як гиребон сар бароварда, даст ба даст дода, ҳалол меҳнат кунанд, дониш омӯзанд ва бинои ояндаи дурахшонро бунёд созанд, зеро ки оянда аз они Шумо - ҷавонон мебошад» [1].

---

[1] Раҳмонов Э. Ҷашни Истиқлолият ва анҷумани дуюми умумиҷаҳонии тоҷикон / Э.Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 1993.- С.6.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки марҳалаи аввалини соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки даҳаи охири асри бистумро фаро мегирад, бори дигар собит намуд, ки як зумра соҳибкорони ҷавони болаёқат қонуниятҳои иқтисоди бозаргониро дарк карда, дар ин самт натиҷаҳои назаррас ба даст оварданд. Масалан, дар вилояти Суғд дар ин давра зиёда аз 50 нафар соҳибкорони ҷавон барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ корхонаҳои муштарак ва коргоҳҳои махсус боз намуданд. Намунаи ин гуна корхонаҳо ширкатҳои хусусии «Барс», «Дӯстӣ - Амирхон», «ММД», «Парвиз», «Контакт-2», «Заррез», «Тоҷин-Л» ва ғайраҳо мебошанд. Минбаъд низ дар заминаи ба кор гирифтани тадбирҳои муҳими иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ дар канори ин коргоҳҳои хусусии инфиродӣ корхонаҳои муштарак ҳамчун дастовардҳои иқтисодии марҳилаи нави таърихии Тоҷикистон таъсис ва ба фаъолият пардохтанд, ки ҳамагӣ ба равандҳои татбиқи муваффақонаи сиёсати дурандешонаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такя мекунанд.

Дар солҳои мавриди таҳқиқот раванди ташаккули коргоҳҳои ресандагиву бофандагӣ ва аз ин роҳ коркарди маҳсулоти дохилии кишвар ва баромадан бо ин маҳсулот ба бозори ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон равнақи тоза касб намуд. Соли 2009 корхонаи муштараки Тоҷикистону Эрон дар шаҳри Хуҷанд ба номи «Нику-Хуҷанд» ба фаъолият пардохт, ки дар асоси фаъолияти он низ коркарди нахи пахта қарор гирифта, неруи асосии онро ҷавонон ташкил медоданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди соҳаи саноати сабук ва ташаккули коркарди пурраи пахта дар кишвар ду Барномаи давлатиро қабул намуд, ки фосилаи солҳои 2006-2015-ро фаро гирифта, ба тадриҷ дар татбиқи ин барномаҳо корҳои шоиста ба сомон расид. Мувофиқи ин барномаҳо бунёди корхонаҳои ресандагиву бофандагӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанду Мастчоҳ, Зафаробод, Спитамену Фархор ва Ёвон ба нақша гирифта шуда буданд, ки хушбахтона, аксари онҳо бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Ташаккули саноати вазнин дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба раванди муҳими низоми иқтисодӣ табдил ёфт, ки бешак саҳми ҷавонон дар пешрафти ин соҳа низ назаррас мебошад. Зербинои асосии саноати вазнини Тоҷикистон заводи алюминийи Тоҷикистон мебошад, ки 31-уми марти соли 2015 аз таъсисёбии он 40 сол сипарӣ гардид. Бо густариши фаъолияти истеҳсолии ин коргоҳи бонуфузи кишвар соҳаи мазкур бо техника ва технологияи ҳозиразамон таҷҳизонида шуда, ба фаъолият оғоз кард. Онро намояндагони 43 миллату халқият бунёд намуданд.

Аҳамияти заводи алюминийи Тоҷикистон дар олами саноати алюминӣ ҳамасола баланд гардида, ҳатто мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт. Аз сӯйи дигар, иқтидори ин коргоҳ боиси ба вуҷуд омаданва паҳн шудани овозаҳои мухталиф аз ҷониби намояндагони ҳамсоякишварҳо гардид. Новобаста ба ин, коргарони ин корхонаи бонуфузтарини кишвар фаъолияташонро бо фарогири доираи васеи кормандони ҷавон вусъат бахшида, ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Маҳз барои нишондиҳандаҳои хуби сифатноки кори завод дар солҳои 1995 ва 1998 сазовори ҷоизаҳои ташкилотҳои

байналмилалии мустақил - «Кураи тиллой» ва «Ситораи платинагӣ» гардид[1]. Барои расидан ба ин музаффариятҳо саҳми ҷавонон назаррас аст, зеро аз рӯйи нишондиҳандаҳои соли 2000-ум аз шумораи умумии кормандони он 5 ҳазору 200 нафара ҷавонон буданд, ки 40 % коргаронро ташкил медиҳад[2].

То оғози марҳилаи нави рушди иқтисодии кишвар дар даҳсолаи аввали асри XXI ба сабаби нарасидани қувваи барқ ва гази табиӣ даҳҳо корхонаҳои саноатӣ аз кор монда, ҳазорҳо ҷавонон касбу кори худро тарк намуда, ба корҳои дигар гузаштанд, ё умуман ҷойи кор надоштанд. Чунин вазъият дар кишваре рӯй додааст, ки дорои захираи барқӣ, обӣ ва гази табиӣ мебошад.

Оби фаровони кӯҳистони Тоҷикистон, ки дар 65 % эҳтиёҷоти Осиёи Марказиро қонеъ мегардонад, имкон медиҳад, ки дар дарёҳои он неругоҳҳои барқӣ сохта, соле то 500 миллиард киловатт -соат қувваи барқ истеҳсол карда, на танҳо эҳтиёҷоти ҷумҳуриро пурра қонеъ гардонад, балки қувваи барқро ба миқдори зиёд ба кишварҳои дуру наздики минтақа интиқол медиҳад. Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои муҳим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои дурнамои рушди минбаъдаи Тоҷикистонро дар таъмини истиқлолияти энергетикӣ муқаррар намуд. Барои расидан ба ин ҳадафи муҳим тадбирҳои зарурӣ дар самти сохтмони неругоҳҳои хурду бузург андешида шуданд.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҷумҳуриамон ду неругоҳи нотамоми барқӣ – неругоҳи азими барқии обии Роғун ва неругоҳи барқии обии Сангтӯда боқӣ монд. Бо амри тақдир Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид. Вазъи иқтисодиёти ҷумҳурӣ талаб мекард, ки сохтмони неругоҳи барқии обии Роғун идома ва кор дар неругоҳи барқии обии Сангтӯда вусъат дода шавад.

Бо дарназардошти хеле муҳим будани Неругоҳи барқии обии Сангтӯда дар иқтисодиёти кишвар, дар раҳой аз вобастагии энергетикӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинони ҷумҳурӣ сохтмони умумихалқӣ эълон карда шуд. “Ҷавонони бонангу номуси Ватан, - гуфта шудааст дар муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон, - Шумо ворисони он фарҳодҳое мебошед, ки бо қувваи бозуи худ бе ягон техникаи ёрирасон кӯҳҳои касногузарро шикофта, дар муддаи се-чор моҳ аз Душанбе то Хоруғ роҳ бароварданд, дар кӯтоҳтарин муддат каналҳои калони Ҳисору Фарғонаро ба истифода доданд, водии Вахшро обод намуданд.Фаромӯш накунед, Ватан имрӯз ҳам ба дасту бозуи Шумо эҳтиёҷ дорад”[3].

Боиси фараҳмандист, ки бо ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони Неругоҳи барқии обии Роғун идома дорад.

Садҳо ҷавонони гуногунмиллати Ватани соҳибистиқлоламон баҳри сохтани нерӯгоҳ камари ҳиммат баста, фидокорона меҳнат намуда истодаанд. Махсусан, ҷавонони Тоҷикистон Муроҷиатномаи Сарвари Давлатро, ки роҷеъ

---

[1] Рахмонов Ф. Х. Флагмон Таджикской индустрии: Из истории создания и развития Таджикского алюминиевого завода / Ф.Х.Рахмонов.- Душанбе: Шарқи озод, 2000. –С.280.

[2] Зокир М. Алюминий - металли аср / М.Зокир // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2001. - 24 май.

[3] Раҳмонов Э. Тоҷикистон дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин / Э.Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 1995. – С. 246.

ба сохтмони неругоҳи барқии обии Роғун аз санаи 5 январи соли 2010 манзур гардид, якдилона истиқбол намуда, бо ҳар роҳу восита саҳм гузошта, ба бунёди ин иншооти аср пешниҳодоти мушаххаси хешро ироа сохтанд. Аксарияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кабии кишвар, ки дар ихтисосҳои соҳаҳои баркҳтаъминкунӣ, кафшергариву дигар корҳои марбут ба нақбканӣ таҳсил доштанд, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки омода ҳастанд дар фурсатҳои гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар сохтмони ин неругоҳ саҳм бигиранд, ё ин ки гурӯҳҳои сохтмончиёни ҷавон таъсис дода, дар айёми таътили тобистонаи худ ба сохтмончиёни Роғун кӯмак намоянд.

Қобили қайд аст, ки 16-уми ноябри соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъи тантанавӣ чархаи аввалини НБО-и Роғунро ба кор дароварда, ба фаъолияти ин иншооти бузург оғоз бахшиданд. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат ифтихормандона қайд намуданд: «Аз 23 ҳазор нафар бунёдкорони иншооти азими аср - Неругоҳи барқи иобии «Роғун» 40 фоизашон ҷавонони то сисола мебошанд»[1].

Яке аз муҳимтаринсамтҳои стартегияи рушди мамлакат раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ маҳсуб меёбад. Лозим ба ёдоварист, ки таъмини истиқлолияти иқтисодии мамлакат бе бунёди роҳҳои нави мошингард, бе сохтану вусъат додани роҳҳои оҳан ва фурудгоҳҳо имконнопазир мебошад. То оғози воқеаҳои фоҷеабори соли 1992 Тоҷикистон дорои 23 034 кмроҳҳои мошингарди истифодаи умумӣ, аз ҷумла 3 579 км мумфаршу бетонпӯш буд. Роҳҳои мошингарде, ки аҳамияти дохилихоҷагӣ ва ғайриидорӣ доранд, ба масофаи зиёда аз 16 ҳазор км. тӯл кашида буданд.

Дар натиҷаи даргириҳои дохилӣ ва фалокатҳои табиӣ 177 пул ва 610 км роҳҳои мошингард аз истифода баромаданд. Илова бар ин, 8 400 метр пулҳо ба меъёрҳои замон ҷавобгӯ набуданд.

Аз ин рӯ, барои беҳгардонии кори соҳа Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз охири соли 1993 Қонун «Дар бораи бунёди роҳ»-ро қабул кард. Дар натиҷа, дар як муддати кӯтоҳ тавассути чораҳои қатъию амалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 112 пул ва 262 км роҳи мошингард таъмиру барқарор карда шуд. Дар соли 1995 роҳсозон 33,9 км роҳ ва 7 пулро ба истифода доданд[2].

Дар рисолаи илмӣ саҳми ҷавонони Тоҷикистон дар сохтмони роҳи оҳани Кӯрғонтеппа - Кӯлоб, роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Кулма, нақбҳои Анзоб, Шаҳристон, Шаршар ва дигарҳо инъикос шудаанд. Бунёди ин иншоотҳо шароити мусоидро барои таҳкими истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон фароҳам овардаанд.

Таҳлил ва натиҷагириҳо нишон доданд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол пеш аз ҳама, ба истиқлолияти озуқаворӣ ниёз дорад. Ба ибораи дигар, самти дигари Стратегияи рушди миллиро таъмини амнияти озуқаворӣ ташкил медиҳад, ки барои амалисозии ин рукни муҳими дурнамои рушд ислоҳоти

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе: Шарқи озод, 2018. - С.33.
[2] Кафили оростагии роҳи Бадахшон – Кӯлоб // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1999. – 15 апрел.

соҳаи кишоварзӣ зарур шуморида мешавад. Идомаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ - ба деҳқонон тақсим кардани аввал 50 ҳазор ва минбаъд 25 ҳазор гектар замин, рушди хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ, соҳибкорӣ ва дигар тадбирҳои судбахш, ба истиқлолияти озуқавории ҷумҳурӣ пойдевори боэътимод гузоштанд.

Дар ҳалли масъалаи истиқлолияти озуқавории Тоҷикистон ҷавонон низ саҳмгузоранд. Таҷрибаи андухтаи Иттифоқи ҷавонони Хатлон самараҳои нек оварда истодаанд. Он аз соли 1995 бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ҳамкорӣ менамояд. Натиҷаи ҳамин ҳамкорӣ аст, ки имрӯз дар деҳоти вилоят теъдоди зиёди маркази инкишофи ҷамоатӣ фаъолият дорад ва ҳар кадом 40-60 нафари аъзои доимӣ маҳсуб буда, ҷавононро ба корҳои муваққатию мавсимӣ ҷалб мекунанд.

Дар шаҳру ноҳияҳои кишвар дар марҳилаҳои нахустини анҷоми ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ марказҳои инкишофи ҷамоатӣ таъсис ёфтанд, ки дар онҳо асосан ҷавонон фаъолият доштанд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Хоҷамастон (ҳозира А.Ҷомӣ) 18га ҳавзи моҳипарварӣ ва қитъаҳои занбӯриасалпарварӣ, дар ноҳияи Вахш фермаи чорводорӣ ба фаъолият пардохтанд, ки барои равнақи соҳаи кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо ғизо нақши муҳим мегузоранд. Дар навбати худ маркази инкишофи ҷамоати ноҳияи Қубодиён 37 нафар ҷавононро барои барқарорсозии 6,5 км канали ирригатсионӣ сафарбар карда буд. Дар натиҷа роҳи обёрии 25 га замин кушода шуд, ки ин аз саҳми ҷавонон дар рушди корҳои ободонии соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон шаҳодат медиҳад.

Пахта яке аз манбаъҳои сердаромади ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Беҳуда нест, ки солҳои пешин пахта «тиллои сафед»-и ҷумҳурӣ ҳисоб меёфт, вале бо дигаргуншавии айём эътибор ба ин навъи маҳсулот кам гардид. Бо мақсади ҷалби бештари ҷавонон ба корҳои саҳроӣ ва мусоидат дар ғунучини ҳосили пахта мақомоти давлатии ҷавонон пайваста талош меварзанд. Ҳанӯз дар оғози ҳазорсолаи нав Идораи кор бо ҷавонони вилояти Хатлон бахри ҳавасмандкунӣ ва баландбардории қувваи рӯҳии ҷавонони пахтачин гурӯҳи махсуси нозиронро иборат аз равшанфикрон таъсис дод. Бо дастгирии мақомоти вилоят маблағи муайян ҷамъ карда шуд.

Инчунин баробари фаро расидани мавсими пахтачинӣ дар 25 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон гурӯҳе бо номи «Саҳми ҷавонон дар ҷамъоварии пахта» созмон дода шуд. Гурӯҳ аз ҳофизону раққосон, шоирону нависандагон иборат буда, ба шаҳру ноҳияҳои пахтакор рафта, ба ҷавонони пахтачин фароғату истироҳат мебахшанд[1].

Муҳоҷират аз қадимулайём дар байни мардум маълум будааст. Маҳз бо ҳамин роҳ мардум сарзаминҳои навро кашф карда, дар ободониву бунёдкории манотиқу ҷойҳои дигар саҳм мегирифтаанд. Бунёди ду ноҳияи нав дар вилояти Суғд, яъне дар даштҳои ташналаби Дилварзин ва Мирзочӯл ба вуҷуд омадани ноҳияҳои Мастчоҳ ва Зафаробод маҳз маҳсули ҳамин муҳоҷират аст, ки боз ҳам ба неруҳои муҳаррики ҷавонон такя намуда, ҳамчун маҳсули заҳматҳои ҷавонон муаррифӣ мешаванд.

[1] Ҷавонони Тоҷикистон, 2000. -28-уми сентябр.

Умуман, ташкили хоҷагиҳои деҳқонии гунгогуншакли ҷавонон дар бораи ҳавасмандии ҷавонписарону ҷавондухтарон аз воридшавӣ ба иқтисодиёти бозаргонӣ шаҳодат медиҳад.

**Боби дуюми диссертатсия рисола - «Мавқеъ ва нақши ҷавонони Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум - **«Фаъолияти ҷавонон дар ташаккули тарзи ҳаёти солим»** қайд карда мешавад, ки стратегияи беҳдошти саломатии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон дар Тоҷикистон, яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати давлатӣ маҳсуб мегардад.

Дар Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ дар давраи то соли 2000-ум, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми ноябри соли 2002, № 436 қабул гардидааст, қайд шудааст, ки мушкилот ва дурнамои беҳтар намудани вазъи саломатии ҷавонон ба хусусияти мақоми иҷтимоӣ - иқтисодӣ, рафтор, тарзи ҳаёти онҳо ва омилҳои ба беҳдошти саломатӣ таъсиркунанда, вобаста мебошад.

Раванди ташаккули иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон дар шароити мураккаби иҷтимоӣ – иқтисодие мегузашт, ки дар натиҷаи тағйироти ҷиддии харобиовари даври гузариш ва ҷанги шаҳрвандӣ, шикасти арзишҳои кӯҳна ва ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ ба миён омада буд. Вазъи ба амаломада ба ташаккули малакаи ҳаётӣ - саломатӣ ва инкишофи солими ҷавонон бетаъсир намонд.

Боиси хушнудист, ки солҳои охир аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва байналмилалӣ чорабиниҳои мақсаднок доир ба ҳифзи саломатии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавононфаъолонагузаронида мешавад.

Заминаи қонунгузории ҳифз ва беҳтар кардани саломатии ҷавонон дар натиҷаи қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.1994), Кодекси меҳнат (с.1197), Кодекси оила (с.1999), қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии ВНМО» (с.1993), «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» (с.1997), «Дар бораи ашёҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» (с.1999), «Дар бораи саломатии репродуктивӣ ва ҳуқуқи репродуктивӣ» (с.2002), «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (с.2004) мустаҳкам гардиданд.

Дар моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» принсипҳои асосии иштироки бевоситаи ҷавонон дар раванди ташаккул ва татбиқи сиёсат ва барномаҳое, ки ба онҳо тааллуқ доранд, муайян карда шудааст. Механизми иштирок ва дастгирии ҷавонон бошад, дар моддаҳои 22-23-и қонуни мазкур муқаррар гардидааст.

Айни замон Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фаъолгардонии иштироки ҷавонон ва баланд бардоштани масъулияти ҷавонон дар барномаҳои мақсаднок, ки ба инкишофи солим, ҳамкорӣ дар ҳимояи ҳуқуқи шахси ҷавон, аз ҷумла гурӯҳҳои осебпазир ба дастгирии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, баробарии гендерӣ, беҳтар кардани дастрасии ҷавонон ба хизматрасонии босифат ва хайрхоҳона дар муассисаҳои ҳифзи

иҷтимоӣ равона шудаанд, оид ба тадриҷан васеъ кардани шабакаи клубҳои (маҳфилҳои) волонтёрӣ (ихтиёрӣ) дар ҷумҳурӣ кор мебарад.

Бо дастгирии Фонди аҳолии СММ соли 2002 дар заминаи клубҳои (маҳфилҳои) волонтёрии ҷавонон дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа (ҳозира Бохтар) ва Кӯлоб чор маркази ресурсии ҷавонон доир ба саломатии насловарӣ бунёд гардид, ки онҳо бо воситаҳои техникӣ, таҷҳизоти дафтарӣ ва маблағҳои ибтидоӣ барои омӯзонидани зиёда аз 80 тренерони ҷавон таъмин буданд. Марказҳои мазкур айни замон ба марказҳои иттилоотии ҷавонон табдил ёфтаанд, ки самти асосии фаъолияташон ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳои сироятии тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда, БПНМ/ВНМО, нашъамандӣ ва паст кардани рафтори хатарноки ҷавонон мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки, варзиш воситаи беҳтарини таблиғи тарзи ҳаёти солим, мустаҳкам намудани саломатӣ, инкишофи робитаҳои дӯстонаи байни халқҳо ва кишварҳо мебошад.

Варзиш имкониятҳои маърифатиро васеъ намуда, ба таҳкими худогоҳии миллӣ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ба халқу миллатҳо мусоидат мекунад.

Соҳибистиқлолии Тоҷикистон имкониятҳои васеъро барои иштироки варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои байналмилалӣ фароҳам овард.

Дар диссертатсия дар асоси мисолҳои муътамаду боварибахш муваффақиятҳои варзишгарони тоҷик дар бозиҳои олимпӣ ва байналмилалӣ инъикос карда шудааст. Исботи гуфтаҳо ғолибони бозиҳои олимпӣ Андрей Абдувалиев, Дилшод Назаров, Мавзуна Чориева, Расул Боқиев ва дигарон мебошанд.

Масалан, соли 1999 тарбиятгирандагони мактабҳои варзишии вилоятҳо Дониёр Ҳотамов, Абдусалом Ҳасанов, Зафар Шодиев, Зулфия Саидолимова, Ҷомихон Муҳиддинов ва дигарон натиҷаҳои хуби варзишӣ бадаст оварданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш менамояд, ки барои инкишофи тадриҷии соҳаи варзиш тамоми шароити заруриро муҳайё созад ва ин корро яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии худ меҳисобад.

Бо мақсади дастгирии ғолибон ва дорандагони мукофотҳои мусобиқаҳои байналмилалӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми январи соли 2015, № 328 «Дар бораи таъсис додани Ҷоизаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва дорандагони мукофотҳои мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ» ба тасвиб расид. Танҳо дар соли 2015 21 нафар варзишгарон барандаи Ҷоизаи мазкур гардиданд.

Бояд тазаккур дод, ки танҳо зимни татбиқи самаранок ва саривақтии барномаҳои давлатии қабулгардида метавон ҳаёти солими аҳолиро таъмин намуда ва рушди соҳаро таъмин намуд.

Зербоби алоҳидаи рисола - **«Ҷавонони Тоҷикистон бар зидди зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ»** мебошад. Дар он мукаммалтар, бо ҷалби маводи нав масъалаҳои мазкур таҳлил мегарданд.

Дар давраи таҳқиқотӣмасъалаҳои ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ҷавонон тезу тунд шуда буд. Сатҳи ҷинояткорӣ ва ҳуқувайронкунии ҷавонон мавриди омӯзиш қарор гирифта, сабабу шароитҳои ба он

мусоидаткунанда таҳлил гардиданд. Зиёда аз нисфи ҷиноятҳои ошкоргашта аз ҷониби ҷавонон содир шудааст, ки қисми бештари онро шахсони аз 18 то 24 сола ташкил медиҳанд.

Бо мисолҳои машаххас шаклу усулҳои пешгирии ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунии ҷавонон нишон дода шудааст.

Дар рисола ҳамкории сохторҳои давлатӣ ба ташкилотҳои ҷавонон бар зидди зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ ба монанди нашъамандӣ, худкушӣ, фоҳишагӣ, ВНМО ва ғайра мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

# ХУЛОСА

## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Пошхӯрии ИҶШС ва ташкилёбии ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол тағйироти куллӣ ва ислоҳотро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ворид намуданд. Давлати ҷавони соҳибистиқлоли Тоҷикистон акнун зиёда аз 27 сол аст, ки собитқадамона дар самти барпо кардани ҷомеаи дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд қадам мезанад [8-М].

Бо ташкилёбии давлати соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёдва ягонаи Тоҷикистон дар моҳи сентябри соли 1991 шароити воқеӣ барои таҳияи маҷмӯи барномаҳо ҷиҳати ҳалли мушкилотиҷавонон дар марҳилаи нави таърихӣ фароҳам омад. Маҳз дар назди ҷавонон дар қатори қишрҳои дигари аҳолӣҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва минбаъда татбиқкардани ғояҳо, афкор, ахлоқ, шаклу усулҳои арзишманди ҳаёти ҷамъиятӣ меистоданд[4-М].

Масъалаи ҷавонон хеле мураккаб мебошад, аз ин лиҳоз дар ҳар марҳилаи таърихӣ ба худ таваҷҷуҳи хоса ва ҳалли қатъиро талаб менамояд. Мутаассифона, кишвари мо баъди ба даст овардани истиқлолият ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он дар таърих таҳти унвони “ҷанги бародаркуш” машҳур гардид. Тоҷикистон дар ин вақт акнун ба роҳи барпо кардани давлати демократӣ мерафт, вале ҷанги шаҳрвандӣ вазъи иҷтимоию сиёсии ҷавононро бадтар мекард. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои заруририро меандешид, то ки вазъи баамаломадаи ҷавононро ислоҳ намояд, аммо барои иҷрои ин мақсад имконият мавҷуд набуд[4-М].

Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоби ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Раиси Шӯрои Олӣ ва соли 1994 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва комёб шудан ба сулҳ (27 июни соли 1997) шароити воқеӣ барои ҳалли мушкилоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро фароҳам овард. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳини мулоқот бо ҷавонони лаёқатманд 16-уми майи соли 1998 чунин таъкид намуда буданд: “Мо бояд сиёсати давлатии ҷавононро дар қатори масъалаҳои стратегии давлатӣ ва амнияти миллии кишвар ҳисобида, авзои иҷтимоӣ ва иқтисодии насли наврас, аз қабили

ҷараёни демографӣ ва муҳофизати ҷавонон, сатҳи саводнокии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, танзими оила, афзудани иллатҳои нашъамандӣ, зӯроварӣ дар байни ҷавонон ва ғайраро мавриди таҳлилу омӯзиши ҷиддӣқарор диҳем”[1] [6-М].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон”, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми марти соли 1992 қабул карда буд, дар муддати 12 сол эътибори ҳуқуқӣ дошт ва ин давраро метавон марҳалаи ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номид[5-М; 8-М].

Дар асоси ин санади ҳуқуқӣ корҳои зиёд, аз ҷумла низоми идоракунии давлатии сиёсати ҷавонон, шабакаи мақомоти давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон, механизми дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва эҷодкор, аз ҷумла олимони ҷавон, донишҷӯён ва хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ва фарҳангии ҷавонон, дастгирии иттиҳодияҳои наврасон ва ҷавонон, инкишофи соҳибхтиёрии иқтисодӣ, соҳибкории ҷавонон, дастгириии оилаҳои ҷавон ва ғайра анҷом дода шуданд[5-М].

5-уми июли соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” дар таҳрири нав қабул карда шуд.

Санади ҳуқуқии мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тарбия, ташаккул ва инкишофи ҷавононро муқаррар ва принсипҳо ва тадбирҳои татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаҳои самаранок истифода бурдани неруи зеҳнӣ, маънавии ҷавонон, ки ба ҳифзи манфиатҳои ҷамъият равона гардидааст, муайян кард[5-М].

Марҳилаи муҳим дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ва ташаккули механизми татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон”ин тасдиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи миллии “Ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1998-2000” мебошад.

Барномаи миллии “Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 1998-2000” дар мақоми механизми татбиқи ҳамаи мушкилоти сиёсати ҷавонон иддао намекард, балки онмарҳилаи ибтидоӣ дар таҳияи барномаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои ташаккули инфрасохтори иҷтимоии дастгирии ҳаракати ҷавонон маҳсуб меёфт. Барнома ҷудо намудани маблағгузории буҷетиро ба ташаккул ва рушди самтҳои афзалиятноки сиёсати ҷавонон, ҳамбастагии амалиёти мақомоти ҷумҳуриявӣ, ҳокимияти маҳаллӣ ва идоравӣдар бар мегирифт[8-М].

Барномаи миллии “Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2001-2003”, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-уми декабри соли 2000 таҳти №518

[1]РаҳмоновЭ. Тоҷикистон: Даҳсолиистиқлолият, ваҳдатимиллӣвабунёдкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷ.2. – С.380.

тасдиқ карда буд, идомаи Барномаи миллии "Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 1998-2000" татбиқгардида ба ҳисоб мерафт.

Гардиши амиқи консептуалӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ин қабули қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми сентябри соли 1997, №414 "Оид ба "Масъалаҳои Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз 27-уми декабри соли 1997, №569 "Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома дар бораи Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошанд[5-М; 8-М].

Ҳуҷҷатҳои мазкур барои таъсиси маъмурияти асосӣ оид ба идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон – Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гардиданд.

Марҳилаи дуюми ислоҳоти сохтори мақомоти давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон дар охири соли 2006 ба амал омад. Асоси ислоҳот қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2006, №609 "Дар бораи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад.

Ҷамъбасти фаъолияти Кумитаи кор бо ҷавонони Тоҷикистон нишон медиҳад, ки Кумита солҳои минбаъда ба натиҷаҳои хеле муҳим соҳиб шуд.

Дар ин давра зиёда аз 20 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба соҳаи сиёсати ҷавонон нашр ва қабул гардиданд, нахустин маводи аз ҷиҳати илмӣ асосноки иттилоотӣ-таҳлилӣ дар бораи вазъи иҷтимоии ҷавонон таҳия шуданд, нахустин натиҷаҳо оид ба ҷоннокшавии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар кори татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" ба даст оварда шуданд. Тадриҷан, миқдори чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ, варзишӣ-солимгардонӣ, маърифатӣ дар байни ҷавонон афзоиш ёфтаанд[5-М].

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибдорӣ намуда, 22-уми майи соли 1998 дар иҷлосияи навбатӣ 23-уми майро "Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон" эълон намуд.

Мақсади асосии сиёсати давлатии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон – мусоидат ба инкишофи шароити маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию ҷисмонии ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон, муҳайё сохтани шароит барои мустақилона ва бо ҳисси масъулият ширкат кардани ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, дастгирии моддӣ, молиявӣ ва иҷтимоии шаҳрвандони ҷавон мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавонони кишвари мо дар кори таҳкими сулҳ, ваҳдати миллӣ, татбиқи ислоҳотҳои иқтисодӣ,

иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар мамлакат саҳми арзанда гузоштаанд. Новобаста ба душвориҳои мавҷуда ва норасоиҳои ҷомеа, ҷавонон дар дигаргуниҳои илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-фарҳангии Тоҷикистон ширкат варзидаанд[4-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Ба назари мо дар марҳилаи кунунӣ, дар шароити давраи гузариш дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ҳалли мушкилоти зерин, ки ба фаъолсозии ҷавонон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мусоидат хоҳад кард, мувофиқи мақсад мебошад:

1. Ҳамаҷониба мусоидат кардан барои бо кор таъмин кардани ҷавонон, таъмин ва таъсиси имтиёзҳои мувофиқ тибқи қонунҳои амалкунандамебошад. Бухрони умумии иқтисодӣ дар мамлакат мушкилотифавқулоддаи бо кор таъминкунии ҷавононро ба вуҷуд овард, ки он дар байни дигар мушкилоти иҷтимоӣниҳоят муҳим арзёбӣ мешуд. Аксари ҷанбаҳои рафтори хавфноки ҷавонон дар сатҳи муайян аз ҳалли самараноки мушкилоти мазкур вобаста аст.

2. Ташкил намудани дастгирии механизми бизнес-лоиҳаҳои соҳибкорони ҷавон.

3. Мунтазам ҷалб намудани ҷавонон ба таҳия, ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои ба ҳаёт ва фаъолияти ҳамарӯзаи онҳо вобастабуда. Чунки Тоҷикистон аз нуқтаи назарияи аҳолӣ мамлакати ҷавон буда, зиёда аз 70% аҳолии Тоҷикистонро ҷавонони то 35-сола ташкил менамоянд. Бе иштироки фаъолонаи ҷавонон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, инкишоф ва шукуфии кишварро тасаввуркардан ғайриимкон аст.

4. Ташкил намудани захираи кадрҳои давлатӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон ва болаёқат.

5. Таъсис додани ниҳоди тайёр кардан ва бозомӯзии мутахассисон оид ба кори ҷавонон ва сарварони ҷавон.

6. Густариш додани имконияти ҷавонон дар фароғати худинкишофи фарҳангӣ ва баланд бардоштани дараҷаи тарбияи маърифатӣ, фарҳангӣ ва варзишии ҷавонон.

7. Васеъ намудани имконияти соҳаи хизматрасонии машваратӣ-тиббии наврасон ва ҷавонон, инчунинба таври муназзам таҳқиқ кардани фавти ҷавонон, мусоидат намуданба пастравии дараҷаи афзоиши фавти ҷавонон.

8. Муайян кардани имтиёзҳои андозбандӣ дар сохтани иншоотҳои варзишӣ ва ҳамзамон ташкил намудани ҳавасмандгардонии мунтазами варзишгарон.

9. Баланд бардоштани дараҷаи маълумотнокии ҷавонон дар танзим ва банақшагирии оила, аз ҷумла пешгирӣ кардани никоҳи барвақтӣ.

10. Баланд бардоштани дараҷаи маърифатӣ ва иттилоъгирии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон доир ба масъалаҳои ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайркунӣ дар байни ҷавонон, инчунин худкушӣ дар миёни духтарон ва занон.

11. Баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷавонон оид ба арзишҳо ва сарвати миллӣ, худшиносӣ, сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва муҳаббат ба Ватан.

Ҳамин тавр, татбиқ ва қабули тавсияҳои болоӣ ба воситаи неруиҷавон ва фаъолнокии онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ метавонад ҳамчун таҳкурсии устувор барои таъмини самараноки татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, инкишофи иҷтимоии ҷавонон ва беҳтар намудани мавқеъ ва мақоми ҷавонон дар мамлакат хизмат намояд.

## НУКТАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФИ ДИССЕРТАРСИЯ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

### 1.Дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1-М]. Муинӣ М.М. Зарурияти объективии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005 “Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” / М.М. Муинӣ // Ахбори ДДҲБСТ. – 2008. - №3. – С.18-22.

[2-М]. Муини М.М. Проблемы и стратегия улучшения состояния здоровья молодежи в годы независимости / М.М. Муини // Вестник ТГУПБП. – Худжанд, 2013. – №1(53). – С.205-214.

[3-М]. Муини М.М. Развитие физической культуры и спорта среди молодежи в годы независимости / М.М. Муини // Вестник педагогического университета. – Душанбе, 2013. – №4(53). – С.270-280.

[4-М]. Муини М.М. Проблема занятости, трудоустройства и миграции молодежи и женщин в первые годы государственной независимости / М.М. Муини // Ученые записки Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова. Гуманитарные науки. – Худжанд, 2014. – №1(28). – С.180-194.

[5-М]. Муинӣ М.М. Марҳилаҳои ташаккули мақомоти давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Муинӣ //Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: Шӯъбаи ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 2014. – №1(233) – С.149-155.

### 1. Мақолаҳо дар нашрияҳои дигар

[6-М]. Муинӣ М.М. Сиёсати ҷавонони ҷумҳурӣ дар партави Иҷлосияи таърихӣ / М.М. Муинӣ // Мухтассари гузоришоти Конфронси IX илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавони вилоят бахшида ба 15-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5-8 декабри соли 2007). – Хуҷанд, 2007. – С.179-183.

[7-М]. Муини М.М. Особенности прокурорского надзора за расследованием уголовных дел, связанных с организованными преступлениями / М.М. Муини // Маҷмӯаи мақолаҳои илмии устодон ва аспирантону унвонҷӯён “Муаммоҳои замонавии илми ҳуқуқшиносӣ”. – Худжанд, 2008. – С.30-35.

[8-М]. Муини М.М. Некоторые аспекты государственной молодежной политики суверенного, независимого государства / М.М. Муини // Маҷмӯаи мақолаҳои Конфронси XI илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавони вилоят бахшида ба Соли бузургдошти Имоми Аъзам ва ҷавонони давлатҳои муштаракул-манофеъ. – Хуҷанд, 2009. – С.344-348.

[9-М]. Муинӣ М.М. Забон – муҳимтарин рукни ҳастии миллат (Роҷеъ ба мақоми ҷавонон дар таҳкими забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)/ М.М. Муинӣ// Маҷмӯаи мақолаҳои Конфронси X илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавони вилоят бахшида ба Соли бузургдошти забони тоҷикӣ ва 1150-солагии А.Рӯдакӣ. – Хуҷанд, 2008. – С.157-159.

[10-М]. Муинӣ М.М. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ноболиғон ва баъзе муаммоҳои иҷтимоӣ дар байни онҳо/ М.М. Муинӣ// Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Ҷавобгарии ноболиғон: масоилва роҳҳои ҳалли он”». – Душанбе, 2013. – С.83-91.

[11-М]. Муинӣ М.М. Ҷавонон – пуштибони ваҳдати миллӣ / М.М. Муинӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Нақши зан дар таҳкими Ваҳдати миллӣ”». – Душанбе, 2013. – С.28-32.

## АННОТАТСИЯИ

**авторефераты диссертатсияи Муинӣ М.М.**
**дар мавзӯи “Иштироки ҷавонон дар равандҳои дигаргунсозии ичтимоӣ – иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2016)”**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Дар таҳқиқоти мазкур саҳм ва иштироки ҷавонон дар дигаргунсозиҳои ичтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таваҷҷуҳи хоса ба ташаккули сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон равона гардидааст. Ин вобаста ба он аст, ки ҳанӯз моҳи марти соли 1992 дар Тоҷикистон дар байни кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил яке аз аввалинҳо шуда Қонун “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” қабул гардида буд.

Дар асоси маводи муътамад саҳми ҷавонон дар татбиқи ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон: расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ҷамъбаст карда шудааст.

Дар рисола инчунин фаъолияти ташкилотҳои ҷавонон дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятии ҷавонон дар ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонписарон ва ҷавондухтарон инъикос ёфтааст.

***Калидвожаҳо:*** *ҷавондухтарон, ҷавонписарон, сиёсати ҷавонон, тарбияи ватандӯстӣ, тарбияи ҷавонон, мавқеи сиёсӣ, мавқеи иҷтимоӣ, неруи созанда, иттиҳодияҳои ҷавонон, саҳми ҷавонон, барномаҳои давлатӣ, ташкилотҳо, варзиш, ҷавонон.*

# АННОТАЦИЯ
## автореферата диссертации Муини М.М.
## на тему “Участие молодёжи в процессах социально – экономического преобразования Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2016 гг.)”
## на соискание учёной степени кандидата исторических наук по специалтности 07.00.02 – Отечественная история

В данном исследовании рассмотрены вклад и участия молодежи в социально-экономическом преобразовании Республики Таджикистан за годы суверенитета. Особое внимание уделено формированию государственной молодежной политики в Таджикистане. Это связано с тем, что еще в марте 1992 года Таджикистан одним из первых среди стран Содружества Независимых Государств принял Закон “О государственной молодежной политике”.

На основе достоверной информации обобщены материалы по вкладу молодежи в реализацию стратегических задач Таджикистана: достижения энергетической независимости, вывод страны из коммуникационного тупика, обеспечение продовольственной безопасности республики.

В диссертации также освещена деятельность молодежных организаций Таджикистана совместно с другими государственными структурами и молодежными общественными объединениями по формированию здорового образа жизни юношей и девушек.

***Ключевые слова:*** *девушки, юноши, молодёжная политика, патриотическое воспитание, политическое положение, социальное положение, созидательная сила, молодёжные организации, вклад молодёжи, государственные программы, организации, спорт, молодёжь.*

## ANNOTATION


The research work deals with contribution and participation of youth in the socio-economic transformation of the Republic of Tajikistan during sovereignty years. Particular attention is given to the formation of state youth policy in Tajikistan. This is because in March 1992, Tajikistan became one of the first among the countries of the Commonwealth of Independent States, who adopted the Law on "State Youth Policy".

Based on reliable information, materials on the contribution of youth to the implementation of the strategic objectives of Tajikistan was summarized:on achieving energy independence, on leading the country out of the communication deadlock, ensuring food independence of the republic.

The dissertation also highlights the activities of youth organizations of Tajikistan in conjunction with other government agencies and youth public associations in promoting a healthy lifestyle for young men and women.



***Key words:*** *girls, boys, youth policy, patriotic education, political position, social status, creative power, youth organizations, youth contribution, state programs, organizations, sports, youth.*